*Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 014 назди Донишгоҳти давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо суроғаи ш.Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов, 64/14*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Солиев Нодирҷон Амрохонович дар мавзуи «Нақши андозбандии ғайримустақим дар танзими андозии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст**

Таҷриба ва таҳаввулоти солҳои охир собит намуд, ки низоми буҷетӣ ва таркибан низоми андозбандӣ ҳамчун қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи иқтисодиёти миллӣ маҳсуб ёфта, ҳамчун омили асосии ғанигардонии буҷети давлатӣ дар ҷомеаи иқтисодӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, тавасути мутамарказ гардонидани сарчашмаҳои зиёди иқтисодӣ, ки аз онҳо андоз ситонида мешавад, заминаи асосии қонеъ кардани талаботҳои рузафзуни доимотағйирёбандаи сатҳи истеҳсолот ва эҳтиёҷоти тамоми қишри ҷомеа ба шумор меравад. Бо ҳамин мақсад гуфтан мумкин аст, ки пешрафти ҷомеаи иқтисодӣ дар маҷмуъ аз ҳолати муносиби низоми андозбандии кишвар ва коҳиши босамари гаронии андозбандӣ вобастагии зиёд дорад.

Ба ҳамин хотир интихоби мавзуи мазкур аз нуқтаи назари илмӣ, замонавӣ ва актуалӣ буда, фарогири масъалаҳои муҳими андозбандии ғайримустақимро дар худ таҷассум менамояд. Пешрафти ҷомеаи иқтисодӣ дар маҷмуъ аз ҳолати хуби ҷараёнҳои андозбандӣ ва дигар ҳолатҳои ба ин алоқаманд вобастагии зиёд дорад.

Дар ҳошияи ин иброз намудан зарур аст, ки дар шароити имруза Ҷумҳурии Тоҷикистон бо талошу ташаббусҳои роҳбари давлат, мавзуи

интихобгардида бо назардошти талаботҳои замони муосир аз якчанд нуктаи назар зарурӣ ва актуалӣ мебошад.

Ҳамзамон дар таҳия, татбиқ ва коркардҳои анҷомгардидада мазмуни афтореферати диссертатсия ба матни он мувофиқ буда, моҳияти илмии ҷараёни таҳқиқотро боназардошти таҳлилҳои нишондиҳандаҳои муҳими андозбандии ғайримустақим пурра инъикос менамояд. Ҷанбаҳои амалии расидан ба ҳадафҳои гузошташуда дар таҳқиқоти илмии худ унвонҷӯ ба масъалаҳои муҳими марбут ба такмили механизми ситонидани андозҳои ғайримустақим ва маъмурикунонии андозҳои ғайримустақим, инчунин такмили он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифодаи таҷрибаи ҷаҳониро баррасӣ намудааст, ки ин мушаххасан ҳадафи мувафақонаи онро инъикос менамояд.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат камбудиҳо низ мавҷуданд, ки аз ҷумлаи онҳо ин:

1. Ба манфиати таҳқиқоти илмӣ мегардид, агар дар автореферати диссертатсия бештар ба ҷанбаҳои институтсионалии андозбандии ғайримустақим диққат дода мешуд.

2. Дар таҳқиқоти илмӣ паҳлуҳои гуногуни андозбандии ғайримустақим бараъло оварда шудааст, аммо таҳқиқот самараноктар мегардид, агар хусусиятҳои танзимнамоии андозбандии ғайримустақим дар танзими андозии иқтисодиёти миллӣ оварда шуда, хулосагирӣ карда мешуд.

Камбудӣ ва норасоиҳои номбаргардида қимати назариявӣ ва амалии рисолаи мазкурро кам намекунанд ва онҳо ҳамчун хислати пешниҳодӣ (ё маслиҳатӣ) доранд.

Дар умум, таҳқиқоти анҷомгардида мувофиқи мақсад буда, муаллифи рисола ба ҳадафҳои гузоштаи худ дар интихоби бобҳо ва зербобҳо мувафақона расидааст ва натиҷаву пешниҳодҳои он боиси дастгирӣ мебошад.

Автореферати диссертатсияи Солиев Нодирҷон Амрохонович дар мавзуи «Нақши андозбандии ғайримустақим дар танзими андозии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Солиев Нодирҷон Амрохонович сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия, и.в., дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти рушди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Авгонов Н.А.**

*Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоева 63/3*
*Донишгоҳи технологии Тоҷикистон*
*Тел: +992 372 34 59 73, **http://**www.tut.tj*

Дурустии имзои доктори фалсафа (PhD), и.в., дотсент Авгонов Н.А-ро тасдиқ менамоям:
**Сардори раёсати кадрҳо,**
**коргузорӣ ва назорат** **Раҳматулло Нусратулло**